# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 12 июни соли 2024 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 таҳқиқоти диссертатсионии Мамадкулова Рано Олимовнаро дар мавзӯи «**Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI: шароитҳо ва хусусиятҳо** » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ, (роҳбари илмӣ: Самиев Х.Д.– номзади илмҳои таърих, дотсент) пешниҳод шудааст, инчунин тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Набизода Ваҳҳоб Машраб – доктори илмҳои таърих ва Меҳроҷиддин Насриддин – номзади илмҳои таърих, баромади аъзои Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои таърих, профессорон Мирзоев Н.М. Тиллоев С.С., Олимов М.А., Шарифов Р.Я. ва Якубов Ю. шунида, мавриди муҳокима қарор дода, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса оид ба саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокӣ ва натиҷаҳои диссертатсияи Мамадкулова Рано Олимовна инчунин оид ба интишороти ӯ,

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1.Диссертатсияи Мамадкулова Рано Олимовна дар мавзӯи «**Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI: шароитҳо ва хусусиятҳо**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи КОА назди Президенти ҶТ нисбат ба диссертатсияҳо, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 26.06.2023 № 295 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвончӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Мамадкулова Рано Олимовна дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Мамадкулова Рано Олимовнаро бо дипломи номзади илмҳои таърих сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қарори зикршуда аст? Хоҳишмандам овоз диҳед. Қарор якдилона қабул гардид.

Унвонҷӯро табрик намуда, бо ҳамин ҷаласаи шӯрои диссертатсиониро пӯшида эълон менамоем.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Акрамова С.Х.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**